# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Ҳиматзода Ҳасан Ҳикмат дар мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар “Равзат -ус-сафо”-и Мирхонд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Боиси қайд аст, ки солҳои охир барои таҳқиқи вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии асримиёна, бахусус Мовароуннаҳру Хуросон муҳаққиқон ба сарчашмаҳои муҳимме, ки аслан муаллифони онҳо тоҷикон буданд, ру оварда, аз мазмуну муҳтавои ин асарҳо маводҳои нодиру дақикро ба даст меоранд, саҳифаҳои норушани таърихи пурғановати моро рушан месозанд ва ба ин васила осори онҳоро дастраси илм месозанд.

Бо вуҷуди он, ки ин манбаъ ва сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷониби муаррихони дарборӣ ё худ бо тавсияи ҳокимон навишта шуда бошанд ҳам, дар онҳо ба масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ диққати хосса дода шудааст. Муаллифони асримиёна дар асарҳояшон пиромуни вазъи сиёсӣ, мунокишаҳои байни давлатҳо, намуди андозҳо, ситонидани андозҳои ғайриқонунӣ, исёну ошубҳо, зулму истибдоди ҳокимон нисбат ба мардуми оддӣ, вайрону валангор сохтани шаҳру деҳот ва ғайраҳо маълумоти нисбатан дақиқ медиҳанд. Бояд хотирнишон сохт, ки аксари ин муаллифон шоҳидони бевоситаи он воеқеаву ҳодисот буданд ва ҳамчун фарзандони замони худ, ба бедодгариву истисмори аҳли заҳмат бетараф набуданд. Баъзан рушоду рӯпуш онҳоро нишон медоданд.

Дар ҳамин ҳошия аз назари мо, диссертатсияи номзадии Ҳиматзода Ҳасан Ҳикмат дар мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд» муҳиммият пайдо менамояд. Зеро, Мирхонд дар аксари рӯйдоду кашмакашиҳои хонадони Темуриён бевосита ширкат намуда, мушоҳидаҳои хешро дар рисолаи худ тасвир намудааст. Аз ин лиҳоз, асари мазкур пурмуҳтавову нодир буда, роҷеъ ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV, аз ҷумла сулолаи Темуриён маълумоти ҷолиб медиҳад. Банда дар васоити таълимии хеш “Сарчашмашиносии таърихи халқи тоҷик” (Душанбе, 2022) ин асарро ҳамчун манбаи

муҳимми таърихӣ муаррифӣ кардаам. Ҳамин тавр, навиштаҳои зикршуда, бори дигар муҳимияти ин асарро тасдиқ менамоянд.

Диссертант баъдан **“Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ”-ро** баррасӣ намуда, муҳимтарин асарҳои ба мавзуи мазкур дахл доштаро шарҳу эзоҳ медиҳад. Бахусус қайд менамояд, ки “вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV Мовароуннаҳру Хуросон пайваста диққати муаррихони хориҷӣ ва дохилиро ба худ ҷалб менамуд”. Дар ҳамин раванд сарчашмаҳои зиёди хаттӣ ва рисолаҳо тасҳеҳ, бозгардон ва дифо шудаанд. Аммо аз назари муаллиф, “омӯзиши интиқодии бисёре аз сарчашмаҳои таърихии ин давраи таърихӣ, хусусан рисолаи таърихии «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст”. Аз ин лиҳоз, муаллиф онро хеле саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ менамояд.

Дар диссертатсияи Ҳиматзода Ҳ.Ҳ. мансубияти он ба барномаи дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотӣ мушаххас шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** мазкур дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар диссертатсияи Ҳиматзода Ҳасан Ҳикмат вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраи зикршуда дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқоти мазкур фарогири 100 соли нимаи дуюми асри XIV ва асри XV мебошад, ки муаллиф онҳоро ба давраҳои муайян ҷудо карда, дар асоси «Равзат-ус-сафо» вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраи таҳқиқ ба таҳлили илмӣ кашида, дараҷаи арзишмандии онро ҳамчун сарчашмаи таърихӣ муайян кардааст. Инчунин, бо такя ба маълумоти Мирхонд вазъи оммаи халқ, андозситонии ғайриқонунӣ, исёну ошубҳо дар минтақа дар қиёс бо дигар сарчашмаҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро** дурустии маълумот, пуррагии ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқотӣ ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин таҳлили сарчашмашиносӣ ва интиқодӣ-илмӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

Диссертатсияи Ҳиматзода Ҳ.Ҳ. аҳаммияти **илмиву амалӣ** дошта, натиҷаи таҳқиқро метавон ҳангоми омӯзиши раванди ҳодисоти асрҳои XIV-XV, таҳқиқи минбаъдаи таърихи Мовароуннаҳр ва Хуросони давраи мазкур, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ истифода кард.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 3 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, матни он дар барномаи компютерии Times New Roman Tj ҳуруфчинӣ шуда, 177 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, марҳила, макон мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, давраи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқ, пойгоҳи манбаъшиносии таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, этимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Боби аввал **“Маълумот дар бораи ибни Ховандшоҳ ибни Маҳмуд маъруф ба Мирхонд ва рисолаи ӯ “Равзат-ус-сафо фӣ сирати-л-анбиё ва-л-мулк ва-л-хулафо”** аз ду зербоб иборат буда, зиндагиномаи Мирхонд, сохтор ва тавзеҳи мухтасари “Равзат-ус-сафо”-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Сараввал дар боби мазкур атрофи муаррихи барҷастаи асри XV Хуросон Мирхонд баъзе маълумоти шарҳиҳолӣ оварда мешавад. Аз ҷумла, омадааст, ки номи аслии ӯ Муҳаммад ибни Сайид Бурҳонуддин Ховандшоҳ ибни Камолуддин Маҳмуд маъруф ба Мирхонд буда, дар Балх ба дунё омадааст. Ӯ муаррихи бузургтарини давраи таърихии аҳди Темуриён ва яке аз чеҳраҳои машҳури замони худ ба шумор мерафтааст. Сарчашмаҳои таърихӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки Мирхонд дар ҷавонӣ ба омӯзиши илмҳои таърих майлу рағбати бештар доштааст. Инчунин дар ин боб гуфтаҳои ашхоси алоҳида тибқи зиндагиномааш оварда мешавад. Минбаъд дар боби мазкур асари таърихии «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд мавриди таҳқиқ қарор мегирад. «Равзат-ус-сафо» аз 396 фасл иборат буда, онро шартан (вобаста ба ҳаводиси нимаи дуюми асри XIV ва асри XV Мовароуннахру Хуросон) дар диссертатсия ба 22 боб тақсим гардида, шарҳу баён ёфтааст. Масалан, системаи андозситонӣ, номгӯйи андозҳо, зулму истибдоди омаи халқ, ҷамъоварии андозҳои такрорӣ дар Хуросон ва ғ. дар боби 21 баррасӣ мегардад.

**Боби дуюм “Бозтоби вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар “Равзат-ус-сафо”** зербобҳои парокандагии сиёсӣ дар Мовароуннаҳри солҳои 40-70-уми асри XIV давлати Темуриён дар Хуросон, вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XV- ро муттаҳид менамояд. Дар диссертатсия аз “Равзат-ус-сафо” диссертант иттилое меорад, ки барои таърих хеле муҳим аст. Вақте ки амир Ҳусайн ва Темур ба назди Муизуддини Курт меоянд, ӯ дар мадди аввал ҳурмату эҳтироми онҳоро ба ҷо меорад. Ҳамчунин, ба онҳо ба миқдори даҳ ҳазор динори кепекӣ ва дусад хирвор ғалла медиҳад. Тибқи ақидаи диссертант, роҷеъ ба чунин кумаки ҳокими Ҳирот Муизуддини Курт нисбат ба ин ду золим дар ягон сарчашмаи аҳди Темуриён иттилооте надодаанд.

Дар ин боб минбаъд дар бораи ҳуҷуми Темури ланг ба Сиистон, Бадахшон, муҳорибаи «Ҷанги лой», лашкаркашиҳои Темур ба Хоразм, шикасти муғулҳо аз ҷониби Сарбадорон, давлатдории Темуриён дар Хуросон ва ғ. маълумоти муҳим оварда мешавад. Мирхонд дар асари худ тавонистааст, ба бисёр паҳлуҳои норавшани ин давраи таърихӣ, бахусус ба сари қудрат омадани Халил султон, Улуғбек ва муборизаҳои онҳо барои кишвари Мовароуннаҳр, равшанӣ андозад ва онро возеҳу равшан баён намояд.

Боби сеюм **“Авзои иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросони Бузург дар асри XV бар мабнои “Равзат-ус-сафо”** дар хусуси аҳволи омма, илму адаб, гуруснагӣ ва қаҳтии сартосарии Мовароуннаҳру Хуросон ахбори муҳим меорад. Зеро дар ин давра, миёни намояндагони сулолаи Темуриён барои соҳибшавии тоҷу тахт муборизаҳо давом дошт. Ин муборизаҳо, албатта боиси вайрону валангор гардидани шаҳру деҳот ва сар задани гуруснагӣ гардид. Ин задухӯрдҳои дохилӣ ва берунии нимаи дуюми асри XV Хуросон ба он оварда расонд, ки қаламравро қаҳтию гуруснагӣ таҳдид кард. Бино ба ахбори манобеи таърихӣ касалиҳои сирояткунанда, ба монанди вабо ва тоун дар ин давра зуд-зуд сар мезад. Нисбати ҳаёти фарҳангиву адабии ин замон Мирхонд навиштаҳои зиёде дорад. Дар “Равзат-ус-сафо” ӯ натанҳо дар бораи муаррихону шоирони аҳди худ ва ҳаёти адабӣ ва илмӣ-мадании давраи онҳо, балки роҷеъ ба касбу кор ва эҷодиёташон маълумоти ҷолибе медиҳад. “Равзат-ус-сафо”-и Мирхонд махсусан барои омӯхтани таърих ва адабиёти асри XV арзиши баланди илмӣ дорад. Муаллиф дар ҷилди 7-уми асари худ дар бораи як қатор шахсиятҳои бузурги динӣ низ маълумот медиҳад. Ҳамчунин муаллиф дар асари худ роҷеъ ба шарҳи ҳоли як қатор, шоирону адибон,

таърихшиносон, аз ҷумла оид ба муаррих Мавлоно Муиниддини Исфизорӣ маълумоти муҳим овардааст.

Дар хулосаи диссертатсия фикрҳои ҷамъбастии диссертант натиҷагирӣ шудаанд.

Аммо дар диссертатсияи мазкур баробари комёбӣ боз баъзе камбудиву норасоиҳо ба назар мерасанд, ки зикри онҳо аз фоида холӣ нест:

1. Дар боби аввал зербоби якум “Зиндагиномаи Мирхонд” ҳамагӣ дар чаҳор саҳифа (саҳ. 14-17) маълумоти шарҳиҳолӣ дода шудаасту халос. Давоми зербоб шарҳи “Равзат-ус-сафо” аст, ки ба зербоби 1.2. дахл дорад. Дар дохили диссертатсия дар хусуси зиндагиномаи Мирхонд ҳарҷо-ҳарҷо маълумот мавҷуданд. Ин маълумотҳо метавонистанд, зербоби зикршударо пурра намоянд.

2. Ҳангоми шарҳи қисматҳои асари Мирхонд, бахшҳои 4-5 зикр наёфтаанд. Дар ин хусус муаллиф ҳам навиштааст, аммо сабабҳои набудани онҳо шарҳ дода нашудааст.

3. Ҳангоми шарҳи сохтори диссертатсия (саҳ. 13) “Рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда” нишон дода шудааст, ки дуруст аст. Вале дар охири диссертатсия (саҳ. 159) танҳо “Рӯйхати адабиёт” омадааст, ки мазмуни асосии маводи истифодашударо ифода карда наметавонад.

4. Дар матн хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд. Дар тарҷумаи унвони диссертатсия ба забони русӣ дар автореферат (саҳ. 37) агар калимаи “ситуация” ба вожаи “положение” иваз мешуд, дурусттар мебуд. Дар рақамгузории зербобҳо дар мундариҷа ва матн низ хатоӣ мушоҳида мешавад. Масалан: дар зербобҳои 2,3 як рақам (2.1.) омадаанд. Ё ин ки дар мундариҷа “Давлати Темуриён дар Хуросон” омада, дар матн “Давлати Темуриён дар Хуросони Бузург” унвон гирифтааст. Инҳо хатоиҳои ҷузъӣ ҳам бошанд, дар маҷмуъ ба муҳтавои диссертатсия халал ворид месозанд.

Вале камбудиҳои ошкоршуда аҳаммияти илмии диссертатсияро кам намекунад. Диссертатсияи мазкур дорои арзиши илмӣ мебошад. Хусусияти фарқкунандаи кори Ҳиматзода Ҳ.Ҳ. дар он аст, ки вай дар асоси «Равзат-ус-афо» вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраи таҳқиқро ба таҳлили илмӣ кашида, дараҷаи арзишмандии асари Мирхондро ҳамчун сарчашмаи таърихӣ муайян кардааст.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант ба мазмуну муҳтавои диссертатсия пурра мувофиқат менамоянд.

Ҳамин тавр, бояд хулоса кард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ҳиматзода Ҳасан Ҳикмат кори баанҷомрасида буда, сохтори диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат менамояд ва диссертант Химатзода Ҳасан Ҳикмат барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи умумӣ ва ватании
Донишгоҳи Славянии Россия
ва Тоҷикистон Муҳидинов С.Р.
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Нусратулло Махсум 89\1 хонаи 5
Тел.: (+992) 93 521 92 74
E-mail: raja1956@mail.ru

Имзои С.Р. Муҳидиновро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ, Исмоилова М.Н.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи М. Турсунзода 30.
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон
Телефон: (+992-37) 221-35-50;
E-mail: rtsu.tj
ноябри соли 2025.
12.11.2025.